СУРАТМАҶЛИСИ № 1

Ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-023 назди Донишгохи миллии Тоҷикистон

30.09.2022 **ш. Душанбе**

Иштирок доштанад: аз 15-нафар узви Шурои диссертатсионӣ бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07.01.2022 № 19/шд тасдиқ гардида, 14- нафар иштирок доштанд, ки аз он 5-нафарашон доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия баррасишаванда ба ҳисоб меравад. Раиси Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ Мухаметов Г.Б. ба ҳозирин иттилоъ дода ва хоҳиш намуд, ки оид ба кушодани ҷаласа фикри худро пешниҳод намоянд!

Таклиф шуд. ки ҷаласаи Шурои диссертатсионӣ кушода эълон карда шавад.

Мухаметов Г.Б.- муҳтарам аъзои шуро боз ягон пешниҳоди дигар хаст?

Мухаметов Г.Б. – барои кушода эълон кардани ҷалаи шуро овоз диҳед !

Мухаметов Г.Б. – ҳама аъзо якдилона «тарафдор», «зид» – нест, бетароаф – нест.

Мухаметов Г.Б. – ҷаласаи шурои диссертатсиониро кушода эълон менамоям!

Рӯзномаи ҷаласа:

Оид ба диссертатсияи Исматов Сулаймон Бобомуродович дар мавзуи «Методҳои инноватсионии таълими фанни алифбои ниёгон дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми педагогика аз рӯйи ихтисоси 13.00.02.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ.

ШУНИДА ШУД:

Аз рӯи масъалаи якум гузориши раиси шӯрои диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ Мухаметов Г. Б. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Исматов Сулаймон Бобомуродович ба шӯрои диссертатсионӣ шунида шуд.

БАРОМАД КАРД:

Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ Рӯзиева Л. Т. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба шӯрои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Исматов Сулаймон Бобомуродович, аз ҷумла диссертатсия ва автореферат (бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ) ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба

Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаи илмӣ, (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 июни соли 2021, №267) мувофиқат мекунанд ва унвонҷӯй ҳуҷҷатҳои дигарро низ тибқи муқаррарот пешниҳод намудааст. Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ҷиҳати ташхиси аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Исматов Сулаймон Бобомуродович дар мавзуи «Методҳои инноватсионии таълими фанни алифбои ниёгон дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси **13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста ба соҳа ва сатҳи таҳсилот) (13.00.02.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ)**, ки пешниҳод шудааст, барои ташхиси аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи ташхисӣ дар ҳайати зерин таъин карда шавад:

- **Негматов С.Э - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, раиси комиссия;**
- **Солеҳов М. О. - доктори илмҳои филологӣ, дотсент, аъзои комиссия;**
- **Абдуллоева Т. М. - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, аъзои комиссия.**

Натиҷаи овоздиҳии кушод ба тарафдории қарори мазкур: “Тарафдор” – 14- нафар, “Зид” - нест, “Бетараф” - нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои педагогӣ **Мухаметов Г.Б .**

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ, д.и.п. **Рӯзиева Л. Т.**

Имзоҳои Г.Б. Мухаметов ва Л.Т. Рӯзиеваро тасдиқ мекунам:

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ **Э. Ш. Тавқиев**

07.10.22